**ФАРМОИШИ**
**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «13» 05 соли 2020 №1670 ш. Душанбе

Дар бораи муайян намудани пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар давраи муваққатан боздоштани раванди таълим

Бо мақсади амалӣ намудани протоколҳои ҷаласаи Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2020, №2к/38-25 ва аз 01.05.2020, №2к/43-24 мутобиқи моддаи 33 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ аз 27 апрели соли 2020 бо назардошти ҳолати ба амаломада муваққатан боз дошта шавад.

2. Музди меҳнат ва иловапулиҳои кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар давраи муваққатан боз доштани раванди таълим аз ҷойи кори асосӣ пардохт карда шавад.

3. Рухсатии меҳнатии навбатии омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ тибқи тартиби зайл амалӣ карда шавад:

3.1. Кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии томактабӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва омӯзгороне, ки дар аттестатсияи хатм иштирок намекунанд, аз 15 майи соли 2020 ба рухсатии меҳнатии навбатӣ фиристода шаванд;

3.2. Омӯзгороне, ки дар аттестатсияи хатми синфҳои 9 ва 11 вобаста мебошанд, тибқи муқаррарот ба рухсатии меҳнатии навбатӣ фиристода шаванд;

3.3. Кормандони маъмурӣ ва дигар кормандони хурди техникӣ мувофиқи тартиби ҷадвали рухсатиҳои меҳнатии тасдиқнамудаи муассисаи таълимӣ ба рухсатии меҳнатии навбатӣ фиристода шаванд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовинони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Л. Назирӣ ва Н. Сафарзода гузошта шавад.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХФӢ

Асос: Протоколҳои ҷаласаи Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2020, №2к/38-25 ва аз 01.05.2020, №2к/43-24.

Вазир М. Имомзода

Муовини вазир
Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм
Раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «13» 05 соли 2020 №1671 ш. Душанбе

Дар бораи ворид намудани тағйирот ба фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2020, №1596

Мутобиқи моддаи 56-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаи 33-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Банди 8-и фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амалӣ намудани протоколҳои ҷаласаи Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз 01.05.2020, №1596 тасдиқ шудааст, ба мазмуни зерин хонда шавад:

- «8. Музди меҳнати ҳамкорони штатӣ ва ғайриштатии беруна, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ фаъолият мекунанд, тибқи талаботи банди 9-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.04.1998, №122 «Дар бораи шароити пардохти музди меҳнати кори кормандони соатбайъӣ ва дар ду (чанд) ҷой коркунандаи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда шавад».

2. Раёсатҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (Ҳ.Ализода) ва таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф.Ҳайдаров) иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намоянд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Д. Қодирзода гузошта шавад.

Вазир М. Имомзода

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот